# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқ пеш аз ҳама аз хусусияти таърихӣ ва ҳуқуқии марҳилаи ташаккули давлатдории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд. Дар охири асри XX ва оғози асри XXI бисёр давлатҳои пасошӯравӣ ба раванди бозсозии сохтори давлатӣ, ташаккули низоми нави ҳуқуқӣ ва таҳкими пояҳои соҳибихтиёрӣ ворид гардиданд. Дар чунин шароит масъалаи таъмини суботи сиёсӣ, ҳифзи тамомияти арзӣ ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ба масъалаи ҳаётан муҳим табдил ёфт. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин раванд истисно набуд ва марҳилаи мураккаби низои дохилиро паси сар намуд, ки барои ҳастии давлат хатари ҷиддӣ эҷод карда буд.

Дар чунин вазъият масъалаи барқарорсозии ҳокимияти давлатӣ, таъмини ризоияти миллӣ ва эҳёи низоми конститутсионӣ аҳаммияти сарнавиштсоз пайдо кард. Маҳз ҳамин шароит зарурати таҳқиқи заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти роҳбарияти сиёсиро ба миён овард. Таҷрибаи сулҳофаронаи Тоҷикистон на танҳо ҳамчун рӯйдоди сиёсӣ, балки ҳамчун падидаи дорои мазмуни ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши робитаи фаъолияти сулҳофарона бо меъёрҳои Конститутсия, принсипҳои волоияти қонун ва механизми таҷзияи ҳокимият дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Мубрамияти мавзуъ, инчунин аз он бармеояд, ки дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ масъалаи таносуби фаъолияти сиёсӣ ва танзими меъёрии

он ҳамеша мавриди баҳс қарор дорад. Дар марҳилаҳои гузариши таърихӣ нақши роҳбари давлат метавонад хусусияти фарогир пайдо намояд, аммо арзёбии чунин фаъолият бояд дар чорчӯби меъёрҳои конститутсионӣ анҷом дода шавад. Аз ин рӯ, таҳқиқи заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти Пешвои миллат имкон медиҳад, ки ҳадди ваколатҳо, шаклҳои амалисозӣ ва асосҳои ҳуқуқии онҳо дақиқ муайян карда шаванд.

Илова бар ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши таҳдидҳои геополитикӣ масъалаи ҳифзи суботи дохилӣ ва пойдории институтҳои давлатӣ аҳаммияти нав пайдо мекунад. Давлате, ки сохтори конститутсионии худро устувор нигоҳ медорад ва дар заминаи қонун амал менамояд, метавонад ба рушди устувор ва ҳамгироии байналмилалӣ ноил гардад. Дар ин замина, таҳқиқи таҷрибаи Тоҷикистон метавонад барои таҳияи консепсияҳои минбаъдаи такмили қонунгузорӣ ва таҳкими давлатдории ҳуқуқбунёд саҳми назаррас гузорад.

Ҳамчунин, мубрамияти мавзуъ ба рушди минбаъдаи низоми ҳуқуқии миллӣ иртибот дорад. Ислоҳоти конститутсионӣ, такмили механизми таҷзияи ҳокимият, муқаррар гардидани мақоми конститутсионии Пешвои миллат ва ташаккули низоми қонунгузории муосир зарурати таҳлили илмии фарогирро тақозо менамояд. Бе омӯзиши амиқи асосҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ арзёбии дурусти ин равандҳо имконнопазир аст.

Бо назардошти омилҳои мазкур, мавзуи таҳқиқ дорои аҳаммияти баланди илмӣ, сиёсӣ ва амалии замонавӣ мебошад. Омӯзиши он на танҳо барои рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ, балки барои таҳкими пояҳои давлатдории миллӣ, рушди фарҳанги ҳуқуқӣ ва таъмини суботи устувори ҷомеа аҳаммияти муҳим дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Дараҷаи навгонии илмии диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар он ифода меёбад, ки таҳқиқи мазкур фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмонро нахустин маротиба дар илми ҳуқуқи конститутсионии ватанӣ ба таври комплексӣ ва низомнок ҳамчун объекти мустақили танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ баррасӣ менамояд.

Муаллиф фаъолияти сулҳофаронаро танҳо ҳамчун падидаи таърихӣ ё сиёсӣ шарҳ надода, балки онро дар заминаи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, принсипҳои давлатдории ҳуқуқбунёд ва механизми таҷзияи ҳокимият таҳлил намудааст. Ин равиш имкон медиҳад, ки робитаи мустақими байни фаъолияти сиёсӣ ва асосҳои конститутсионӣ муайян карда шавад.

Навгонии илмии диссертатсия дар самтҳои зерин зоҳир мегардад:

– асоснок намудани моҳияти ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат ҳамчун унсури барқарорсозии сохтори конститутсионӣ дар шароити буҳрони давлатӣ;

– муайян намудани ҷойгоҳ ва табиати институтсионалии мақоми «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» дар низоми ҳокимияти давлатӣ;

– таҳлили ислоҳоти конститутсионӣ (солҳои 1999 ва 2016) ҳамчун марҳилаҳои рушди давлатдории ҳуқуқбунёд ва такмили механизми таҷзияи ҳокимият;

– асоснок намудани робитаи фаъолияти сулҳофарона бо таҳкими принсипҳои соҳибихтиёрӣ, волоияти қонун, ваҳдати миллӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон;

– пешниҳод намудани хулосаҳои назариявӣ оид ба таносуби фаъолияти сиёсӣ ва танзими меъёрии конститутсионӣ дар шароити гузариши таърихӣ.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои бадастомада дорои навгонии илмӣ буда, дар рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ ва таҳкими пояҳои давлатдории ҳуқуқбунёди Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми муайян мегузоранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо такя ба заминаи мустаҳками меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҳлили илмии назарияҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва омӯзиши маводи таърихию сиёсӣ асоснок гардидаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои соҳавӣ, санадҳои зерқонунӣ, инчунин аз санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудааст, ки ин ба хулосаҳои пешниҳодшуда эътимоднокии ҳуқуқӣ мебахшад.

Асоснокии натиҷаҳо бо истифодаи маҷмуи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси таҳқиқ таъмин гардидааст. Дар кор усулҳои таҳлили мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва низомнок истифода шудаанд, ки имкон додаанд фаъолияти сулҳофарона ва мақоми конститутсионии Пешвои миллат дар иртибот бо принсипҳои давлатдории ҳуқуқбунёд баррасӣ карда шаванд. Пайдарҳамии мантиқии бобҳо ва мутобиқати хулосаҳо ба вазифаҳои дар муқаддима гузошташуда низ аз асоснокии илмии таҳқиқ шаҳодат медиҳад.

Эътимоднокии хулосаҳо аз он бармеояд, ки онҳо танҳо ба арзёбиҳои умумӣ такя намекунанд, балки бо истинод ба меъёрҳои мушаххаси

Конститутсия ва қонунгузорӣ, инчунин ба мавқеи олимони ватаниву хориҷӣ асоснок карда шудаанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти амалии мушаххас буда, ба такмили қонунгузорӣ ва таҳкими механизми татбиқи принсипҳои конститутсионӣ равона гардидаанд.

Ҳамин тариқ, хулоса ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва боэътимод буда, метавонанд барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтор ва ҳаҷми диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мутобиқ буда, ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 186 саҳифаи чопиро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ бо назардошти воқеияти таърихию сиёсӣ ва аҳаммияти ҳуқуқии масъала асоснок гардида, зарурати омӯзиши заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофарона ба таври мантиқӣ шарҳ дода шудааст. Муаллиф дараҷаи таҳқиқи илмии масъалаҳоро таҳлил намуда, мавқеи кори худро дар миёни таҳқиқоти қаблӣ муайян кардааст.

Дар ҳамин қисмат мақсад ва вазифаҳои асосии диссертатсия дақиқ ва мушаххас баён гардида, объект ва предмети таҳқиқ ба таври илмӣ муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, навгонии илмии таҳқиқ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳо, заминаи методологӣ, усулҳои истифодашудаи таҳқиқ, инчунин асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо инъикос ёфтаанд.

**Боби якуми** диссертатсия таҳти унвони «Фаъолияти сулҳҷӯёнаи Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун объекти танзими конститутсионӣ-ҳуқуқӣ» ба таҳлили заминаҳои ҳуқуқӣ, таърихӣ ва институтсионалии раванди сулҳофарӣ бахшида шуда, дар он фаъолияти Пешвои миллат на танҳо ҳамчун падидаи сиёсӣ, балки ҳамчун объекти

мустақили таҳқиқи ҳуқуқи конститутсионӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар ин боб муаллиф вазъи сиёсӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар марҳилаи аввали истиқлолият таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки барқарорсозии сохтори конститутсионӣ ва таъмини суботи давлатӣ бе такя ба меъёрҳои Конститутсия ва механизмҳои ҳуқуқӣ имконнопазир буд. Фаъолияти сулҳҷӯёна дар заминаи ваколатҳои конститутсионии Сарвари давлат ва принсипҳои бунёдии давлатдорӣ – соҳибихтиёрӣ, волоияти қонун, тамомияти арзӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон асоснок карда мешавад.

Муаллиф Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун марҳилаи ҳалкунандаи эҳёи давлатдории миллӣ арзёбӣ намуда, қабули Конститутсияи соли 1994-ро заминаи ҳуқуқии сулҳу ризоияти миллӣ мешуморад. Дар ин замина, фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллат ҳамчун механизми барқарорсозии ҳокимияти давлатӣ ва муттаҳидсозии ҷомеа таҳлил гардидааст.

Ба таври асоснок баён мегардад, ки “бо шарофати Сарварии фарзанди фарзонаи миллат – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, мардуми Тоҷикистон ва ҳукумати кишвар тавонистанд бо роҳи ҳамгирой, ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдат аз ин ҳолати ниҳоят хатарнок берун оянд.

Бо қабули Конститутсияи соли 1994, Тоҷикистон худро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимой, дунявӣ ва ягона муаррифӣ кард. Интихоби ин модел натиҷаи таҳлили амиқи вазъи сиёсӣ ва иҷтимоии дохилӣ ва байналмилалӣ буд. Он ягона роҳи наҷот ва муаррифии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақили миллӣ дар харитаи сиёсии ҷаҳон гардид” (саҳ.64).

Боб дорои хусусияти назариявӣ ва таҳлилӣ буда, бо такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи таърихӣ ва адабиёти илмӣ таҳия шудааст. Муаллиф тавонистааст робитаи фаъолияти сулҳҷӯёнаро бо таҳкими сохтори конститутсионӣ ва рушди минбаъдаи давлати ҳуқуқбунёд мантиқан асоснок намояд.

Дар маҷмӯъ, боби якум заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқро фароҳам оварда, мантиқан барои баррасии минбаъдаи масъала дар бобҳои дуюм ва сеюм асос мегузорад.

**Боби дуюми** таҳқиқот таҳти унвони «Нақши фаъолияти сулҳофарии Пешвои миллат дар сиёсати хориҷӣ» ба таҳлили ҷанбаҳои байналмилалии сиёсати сулҳҷӯёнаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дар ин боб

муаллиф фаъолияти Пешвои миллатро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати сулҳу ваҳдати миллӣ дар дохили кишвар баррасӣ менамояд.

Муаллиф нишон медиҳад, ки пас аз барқарор гардидани сулҳу суботи дохилӣ, сиёсати хориҷии Тоҷикистон бар принсипҳои ҳамзистии осоишта, эҳтироми соҳибихтиёрии давлатҳо, ҳамкории мутақобилан судманд ва муколамаи созанда асос ёфт. Дар ин замина, фаъолияти Пешвои миллат ҳамчун ташаббускори барномаҳои сулҳпарварона ва ҳамкориҳои минтақавӣ таҳлил мегардад.

Дар боб нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои сулҳофарии минтақавӣ, ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид, САҲА, ИДМ ва дигар сохторҳои байналмилалӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф бо такя ба санадҳои расмӣ ва маводи таҳлилӣ нишон медиҳад, ки сиёсати хориҷии Пешвои миллат ба таҳкими амният, пешгирии таҳдидҳои фаромиллӣ, мубориза бо терроризм ва экстремизм, инчунин ба пешбурди масъалаҳои глобалӣ, аз ҷумла об ва тағйирёбии иқлим, равона гардидааст. Вобаста ба ин ба таври асоснок муаллиф зикр менамояд, ки “ҷомеаи ҷаҳонӣ шоҳид аст, ки дар натиҷаи талошҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаҳои вобаста ба обу иқлим ва таҳкими амнияти умумибашарӣ дар Рӯзномаи ҷаҳонии рушд мақоми хосса пайдо намуда, таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба худ ҷалб карда, мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамаҷониба дастгирӣ ёфтаанд.

Ин равандро метавон густариши фарҳанги сиёсӣ ва пешрафти дипломатияи муваффақона унвон дод. Зеро, ҶТ барои кушодани роҳ ба сӯйи ояндаи дурахшон ва нақш гузоштан дар ҳалли проблемаҳои муҳимми ҷаҳонӣ дар таҳияи сиёсати хориҷӣ дипломатияи обро роҳандозӣ намуд. Барои тарҳрезии ин сиёсат Сарвари давлат корҳои муҳимеро сомон доданд, ки дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ ниҳоят бузургу саривақтӣ маҳсуб меёбанд” (саҳ.99) .

Ҳамзамон, дар боб таъкид мегардад, ки сиёсати хориҷии сулҳҷӯёна бо манфиатҳои миллӣ ва ҳадафҳои рушди устувори давлат иртиботи зич дорад. Муаллиф асоснок менамояд, ки нуфуз ва эътибори байналмилалии Тоҷикистон дар натиҷаи сиёсати мутавозин ва созандаи роҳбарияти давлат таҳким ёфтааст (саҳ.103).

Дар маҷмуъ, боби дуюм фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои миллатро дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун ҷузъи муҳими механизми таъмини амнияти миллӣ ва рушди устувори давлат таҳлил намуда, робитаи байни

сиёсати дохилӣ ва хориҷиро дар доираи принсипҳои конститутсионӣ нишон медиҳад.

**Дар боби сеюм** – «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон» заминаҳои меъёрӣ, институтсионалӣ ва назариявии ташаккул ва рушди мақоми Пешвои миллат дар низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд.

Муаллиф дар зербоби аввал ҷойгоҳ ва табиати ҳуқуқии мақоми Пешвои миллатро дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намуда, робитаи онро бо принсипҳои бунёдии давлатдорӣ – соҳибихтиёрӣ, волоияти қонун, таҷзияи ҳокимият ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон нишон медиҳад.

Тағйиру иловаҳои конститутсионии соли 2016 ҳамчун марҳилаи расмиятёбии мақоми «Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» таҳлил гардида, табиати конститутсионии он асоснок карда мешавад.

Муаллиф ба таври асоснок хулосабарорӣ менамояд, ки "ба таври возеҳ мушоҳида мешавад, ки рушди давлатдории миллии тоҷикон ва болоравии обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ба нақши марказӣ ва ташаббусҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сахт марбут аст" (саҳ.114).

Дар зербоби дуюм механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии ҳифз ва ҳимояи мақоми Пешвои миллат баррасӣ гардида, муаллиф заминаҳои ҳуқуқии таъмини фаъолияти минбаъда, дахлнопазирӣ ва кафолатҳои меъёриро дар доираи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» таҳлил менамояд. Инчунин, масъалаи таносуби ин институт бо низоми таҷзияи ҳокимият ва устувории сохтори давлатӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад (саҳ.120-139).

Дар зербоби сеюм самтҳои асосии фаъолияти Пешвои миллат мувофиқи таъиноти Конститутсия ва робитаи он бо сиёсати иҷтимоӣ ва рушди низоми ҳуқуқии миллӣ таҳлил шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки фаъолияти Пешвои миллат бо таъмини қонуният, ҳифзи арзишҳои миллӣ, рушди давлатдории ҳуқуқбунёд ва татбиқи сиёсати иҷтимоӣ алоқамандии зич дорад.

Дар маҷмуъ, боби сеюм дорои хусусияти ҷамъбасткунанда буда, бо таҳлили заминаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва институтсионалӣ мақоми Пешвои миллатро ҳамчун падидаи дорои асоси меъёрӣ ва таърихӣ дар низоми давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамояд.

Хулосаи диссертатсия натиҷагирии мантиқии тамоми таҳқиқот буда, муҳтавои асосии корро ҷамъбаст менамояд. Дар он 10 банди дорои аҳаммияти назариявӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба таҳлили моҳият, табиати ҳуқуқӣ ва қонуниятҳои ташаккул ва рушди мақоми Пешвои миллат ҳамчун институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ равона шудаанд. Дар ин хулосаҳо робитаи фаъолияти сулҳофарона бо барқарорсозии сохтори конститутсионӣ, таҳкими соҳибихтиёрии давлатӣ ва волоияти қонун ҷамъбаст карда шудааст.

Ҳамзамон, дар хулосаи диссертатсия 3 банди дорои аҳаммияти амалӣ пешниҳод шудаанд, ки ба такмили фаҳмиши илмии табиати ҳуқуқӣ-конститутсионии мақоми Пешвои миллат, истифодаи натиҷаҳои таҳқиқ дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи конститутсионӣ, инчунин татбиқи онҳо дар равандҳои такмили қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқии давлат равона гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои таҳқиқ ба рушди назарияи ҳуқуқи конститутсионӣ мусоидат намуда, табиати ҳуқуқӣ-институтсионалии фаъолияти сулҳофарона ва мақоми Пешвои миллатро дар низоми давлатдорӣ асоснок менамоянд.

Аҳаммияти амалӣ дар имкони истифодаи хулосаҳо дар такмили қонунгузорӣ, сиёсати ҳуқуқии давлат ва раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ ифода меёбад.

Аҳаммияти иқтисодӣ ба он вобаста аст, ки таҳкими сохтори конститутсионӣ ва суботи давлатӣ заминаи устувор барои рушди иқтисод ва ҷалби сармоя фароҳам меорад.

Аҳаммияти иҷтимоӣ дар таҳкими ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва рушди муносибати мутавозини «давлат – шахс» зоҳир мегардад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 7 мақолаи илмӣ, ки аз он 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**

**олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона таҳия гардида, дорои мантиқи ягонаи илмӣ мебошад. Навгонии натиҷаҳо, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва тавсияҳои амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳо низ натиҷаҳои таҳқикро инъикос карда, мустақилияти илмии муаллифро собит месозанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди сатҳи баланди илмӣ ва арзиши назариявии диссертатсия, дар кори мазкур баъзе камбудиҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб ҷой доранд, ки метавонанд мавриди муҳокимаи илмӣ қарор гиранд:

1. Баъзе зербобҳо, махсусан дар боби сеюм, аз ҷиҳати ҳаҷм хеле васеъ буда, маводи таърихӣ ва тавсифӣ нисбат ба таҳлили соф ҳуқуқӣ бештар аст. Мутаносиб намудани ҳаҷми қисматҳо ба талаботи таҳқиқоти ҳуқуқӣ мувофиқтар мебуд.

2. Дар масъалаҳои баҳсталаб (масалан, табиати ислоҳоти конститутсионӣ ё мақоми институти Пешвои миллат) мавқеи муаллиф дар муқоиса бо дигар назарияҳо на ҳамеша равшан ва муфассал асоснок шудааст.

3. Дар бобҳои дуюм ва сеюм мафҳуми «давлати ҳуқуқбунёд» васеъ истифода шудааст, аммо нишондиҳандаҳои дақиқи ҳуқуқӣ ва меъёрҳои арзёбии он дар иртибот бо фаъолияти Пешвои миллат пурра мушаххас нашудаанд.

Бо вуҷуди ин камбудиҳои зикршуда, ба арзиши илмӣ, навгонии натиҷаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия таъсири манфии ҷиддӣ намерасонанд ва метавонанд ҳамчун замина барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ ва рушди мавзуи таҳқиқ хизмат намоянд.

Дар маҷмуъ, Зуҳурзода Шаҳло Давлатмурод дар мавзуи: «Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии фаъолияти сулҳофаронаи Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисосӣ 5.5.2. Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи

бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ**

Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори
кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон С.Ю. Алимов

Адрес: 734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзаде, 30
Тел.: (+992) 918805407. E–mail: alimov jakhongir@gmail.com

**Имзои С.Ю. Алимовро тасдиқ мекунам:**

Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Исмоилова М.Н.

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға: Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода, 30, Телефон: (+992 37) 221–35–50, E–mail: rtsu@mail.ru, htpp://www.rtsu.tj

«06» 03 2026